## Шарҳи моҳонаи таваррум • АВГУСТ 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи августи соли 2024 0,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

### Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Дар сохтори таваррумиi моҳона нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 0,7 фоиз раванди болоравӣ дошт (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф), ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи гази моеъ 12,7 фоиз ва бензин (навъи АИ–92) 1,8 фоиз ба вуқуъ пайваст.

### Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар ин моҳ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф) тамоюли афзоишёбӣ дошт. Раванди мазкур бештар дар натиҷаи болоравии нархи хизматрасонии газ 10,8 фоиз (гази моеъ 11,2 фоиз) ва хизматрасонии нақлиёт 1,3 фоиз ба амал омад.

### Таварруми хӯрокворӣ

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯроковрӣ 0,2 фоиз раванди болоравӣ доштанд ( саҳм дар таваррум 0,1 б.ф), ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи тухм 16,7 фоиз, пиёз 16,6 фоиз, сабзӣ 12,1 фоиз, гӯшти гов 2,7 фоиз, равғани пахта 0,5 фоиз, биринҷ 0,3 фоиз ва ғайра ба амад омад.

Ҳамзамон, дар моҳи баррасишаванда поёнравии нархи ангур 33,8 фоиз, себ 11,1 фоиз, помидор 10,7 фоиз, қаламфури булғорӣ 8,8 фоиз, нок 8,7 фоиз, карам 4,9 фоиз, бодиринг 1,4 фоиз, картошка 1,1 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми солона бошад, дар моҳи августи соли 2024 ба 3,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,6 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи августи 2024 сатҳи таваррумиi солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 52,0 фоиз, Ӯзбекистон 10,5 фоиз, Россия 9,1 фоиз, Қазоқистон 8,4 фоиз, Беларус 6,1 фоиз,

**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтори онҳо дар таваррум (солона. моҳи июли солҳои 2018-2024, бо %)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумии моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва таваррумии аслӣ (солона, бо %)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Арманистон 1,3 фоиз ва Гурҷистон 1,0 фоизро 0ташкил намуд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи августи соли равон бетағйир буда, бо арзёбии солона бошад, ба 1,9 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (августи с.2024) | Таварруми январ -августи с.2024 | Таварруми солона (августи с.2024) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 2,5 | 31,9 | 52,0 |
| Ӯзбекистон | 0,5 | 5,5 | 10,5 |
| Россия | 0,2 | 5,3 | 9,1 |
| Қазоқистон | 0,6 | 5,4 | 8,4 |
| Беларус | -0,1 | 3,3 | 6,1 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **2,6** | **3,6** |
| Арманистон | 0,1 | -1,2 | 1,3 |
| Гурҷистон | -0,1 | -0,03 | 1,0 |

[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2022 | | | | 2023 | | | | | 2024 | | | | | | | | Авг, тағйирёбии моҳона бо, |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Авг | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,5** | **3,4** | **3,6** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **2,5** | **1,8** | **1,5** | **2,2** | **1,5** | **1,1** | **1,0** | **0,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | 8,3 | 7,6 | 9,6 | 9,7 | 6,0 | 6,5 | 5,7 | 0,1 |
| Биринҷ | 2,1 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 40,0 | 36,6 | 35,7 | 24,2 | 8,8 | 6,1 | 5,8 | 0,3 |
| Орд | 4,9 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 | -2,2 | 0,2 | 6,0 | 6,8 | 10,4 | 8,7 | -0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 3,6 | 6,0 | 7,1 | 6,3 | 7,1 | 9,4 | 10,5 | 1,2 |
| Гӯшти гов | 2,4 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 6,4 | 9,0 | 10,9 | 10,1 | 11,2 | 14,5 | 17,6 | 2,7 |
| Тухм | 1,3 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | -19,5 | -21,9 | -33,1 | -36,0 | -26,9 | -21,2 | -11,1 | 16,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 6,8 | 6,3 | 6,2 | 7,1 | 7,9 | 10,1 | 10,3 | 0,4 |
| Шир | 0,9 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,5 | 0,1 | -1,6 | 1,1 | 4,0 | 5,8 | 9,5 | 1,4 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | -21,7 | -21,7 | -17,3 | -9,3 | -3,3 | 0,5 | -0,1 | 0,3 |
| Меваҷот | 3,3 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 35,0 | 28,2 | 25,5 | 21,3 | 23,1 | 8,6 | -0,6 | -7,9 |
| Сабзавот | 7,3 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | -11,6 | -13,8 | -14,9 | -9,5 | -13,4 | -16,0 | -15,5 | 1,3 |
| Шакар | 1,6 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | 32,8 | 32,9 | 24,4 | 6,1 | -0,8 | 0,9 | -0,3 | -1,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -10,1 | -8,1 | -8,1 | -7,8 | -8,2 | -8,8 | -0,5 | 0,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **9,7** | **9,0** | **7,4** | **7,4** | **6,3** | **5,8** | **5,8** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,9** | **4,5** | **5,8** | **5,9** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **5,8** | **6,0** | **5,6** | **4,9** | **5,3** | **5,3** | **4,8** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 5,2 | 5,1 | 4,7 | 4,3 | 4,1 | 3,9 | 2,1 | -0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 7,4 | 6,4 | 4,8 | 4,6 | 4,2 | 3,9 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 0,4 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | -1,7 | -1,3 | -1,5 | -0,8 | -1,1 | -1,6 | 2,6 | -0,5 |
| Доруворӣ | 1,5 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 12,4 | 11,8 | 10,0 | 7,1 | 9,6 | 9,6 | 9,4 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | 23,1 | 23,6 | 24,2 | 18,2 | 12,8 | 21,0 | 15,5 | 5,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 10,4 | 12,5 | 13,5 | 16,7 | 15,1 | 17,0 | 17,0 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,7 | 12,7 | 12,7 | 12,7 | 12,1 | 0,2 | -0,8 | 0,9 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 2,3 | 3,4 | 3,4 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 2,7 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **3,2** | **4,6** | **4,8** | **4,9** | **5,6** | **6,0** | **5,9** | **0,5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 9,2 | 9,6 | 9,6 | 9,3 | 8,7 | 10,0 | 9,5 | 1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 2,2 | 2,2 | 2,3 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,5 | 0,2 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 1,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 14,8 | 14,5 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | 55,1 | 55,5 | 59,6 | 53,2 | 44,0 | 74,8 | 37,2 | 10,8 |
| Нақлиёт | 2,0 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | -3,6 | -2,1 | -1,5 | -0,2 | 0,3 | 0,8 | 2,6 | 1,3 |
| Алоқа | 0,6 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,4 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 3,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,8 | 2,8 | -0,9 |
| Маишӣ | 5,4 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 6,3 | 6,6 | 6,8 | 7,0 | 9,9 | 9,7 | 9,5 | 9,5 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо